Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

Рисолаи диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи мубрамии мавзӯи интихобкардаи муаллиф қайд кардан зарур аст, ки таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон дар шароити муосир, бо назардошти тағйироти куллӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба амал омада, ниҳоят муҳим мебошад. Зиёда аз ин ноустувории иҷтимоие, ки дар ибтидои давраи пасошуравӣ дар ҷомеаи тоҷик дар шуури одамон ба вуҷуд омада буд, якбора паст шудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мардум боиси тақсим шудани тамоми рафтори ҳуқуқӣ ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуӣ гардид. Аз ин лиҳоз, мубрамии мавзӯи таҳқиқоти интихобкардаи муаллиф бидуни шубҳа муҳим мебошад (С. 3).

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ низ мунтазам ва мантиқан дуруст муайян карда шудаанд, аз ҷумла: таҳлили мафҳум ва таснифоти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ; омӯзиши омилҳои асосии маромнокии рафтори ҳуқуқӣ; баррасии мафҳумҳо ва нақши ангеза дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва ғайра.

Унвонҷуй дуруст қайд менамояд, ки таҳқиқоти мазкур ба таҳқиқоти гузаронидашудаи олимони шӯравӣ, инчунин олимони рус ва тоҷик, ки ба масъалаҳои мазкур бахшида шуда, дар баррасии паҳлуҳои гуногуни асосҳои рафтори ҳуқуқии инсон саҳми бузург гузоштаанд, дар ҳадди муайян такя

менамояд. Ба мантиқи таҳқиқоти анҷомдодашуда асарҳои Ю.М.Антонян, В.Н.Волков, О.Л.Дубовик, Е.В.Змановская, К.Е.Игошев, О.С.Кирсанова, В.В.Лунеев, В.В.Романов, Л.В.Сердюк, С.А.Тарарӯхин, К.Д.Ушинский, Д.А.Шестаков ва дигарон таъсири муайян расонидаанд, ки масъалаҳои муносибат ва вобастагии мутақобилаи категорияи рафтори ҳуқуқӣ ва рафтори ғайриқонунии шахсро дар ҷомеа таҳлил мекунанд.

Ҳамчунин дар баробари таҳқиқоти илмии муаллифони хориҷӣ дар рисола аз осори олимони маъруфи ҳуқуқшиноси ватанӣ, мисли З.М.Алиев, И.Х.Бобоҷонов, М.Давлатов, Ҷ.М.Зоиров, О.В.Кравченко, С.З.Латифзода, Д.Насков, Э.С. Насурдинов, Ш.Саркорова, Р.Ш Сотиволдиев, Ф.Т.Тоҳиров, Н.М.Юнусова ва дигарон низ истифода шудааст (С. 8).

Хулосаҳои баровардаи муаллиф доир ба масъалаҳои назариявии вобаста ба маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошанд. Навгонӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хусусан пешниҳоди 6, 7 ва 8 автореферати диссертатсия қобили дастгирӣ мебошанд (С. 11-12).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб ва шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи назариявии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйихати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳар як зербоб ғояҳои асосӣ ва ҷамъбасти мантиқии худро доро мебошад (С. 14).

Аз мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст. Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои илмии мубоҳисавӣ ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, ки мафҳум ва таснифоти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ҳамчун навгонӣ ва нуктаи илмӣ пешниҳод мегардид.

2. Таҳқиқоти диссертатсонӣ аз хатогиҳои имлоӣ низ холӣ нестанд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим, мураккаб ва баҳснок мебошанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз рӯйи автореферати диссертатсия метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» кори анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи бандҳои 31-37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р. Раҷабзода

Имзои «Р. Раҷабзода»-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сафарзода

«05» октябри соли 2024

Раҷабзода Равшан Муҳитдин
734024 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (992 37) 221-78-93, (992) 918 - 61 – 18 – 53
E-mail - rrm_67@mail.ru